## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ёров Акмал Боронович дар мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниход гардидааст.**

Унвонҷӯ Ёров Акмал Боронович дар кори таҳқиқотии худ ба яке аз масъалаҳои мубрам таваҷҷуҳ намуда, ба баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон пажуҳиш намудааст. Таҳқиқотчӣ Ёров А.Б. ба мавзуи «Истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ (дар муассисаҳои таълимии томактабии Тоҷикистон)», кори таҳқиқотӣ гузаронида, масъалаи мазкурро ба таври муфассал таҳқиқ намудааст. Рисола аз муқаддима, ду боб, хулоса, натиҷаҳо, тавсияҳо, руйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Муассисаҳои томактабӣ ҳамчун зинаи аввали таҳсилот ба истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ шуруъ намуда, дар рушду инкишофи соҳаи номбурда ва баландравии сатҳи корҳои таълиму тарбиявӣ тақвият мебахшад. Барои ҳамқадами замон баробар гардидан гузариш аз ин зинаи таҳсилот ва таъмини заминаҳои моддӣ ва техникии муассисаҳои томактабӣ муҳим арзёбӣ карда шудааст. Ҷустуҷӯйи роҳҳои бартарафсозии ихтилофҳои номбурдаи муҳаққиқ масъалаи асосии таҳқиқотро ба миён овард. Муайян намудани омилҳо ва имкониятҳои иҷтимоию педагогӣ ва роҳу усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати

таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои томактабии Тоҷикистон мавзуи таҳқиқотии диссертатсия гардид.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи диссертатсионӣ асоснок гардида, масъалаи асосии таҳқиқот, асоснокии методологию назариявии таҳқиқот, объект, предмет, мақсад, вазифаҳо ва фарзияҳои кори таҳқиқотӣ таъкид гардида, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор муайян карда шудааст, маълумот дар бораи санҷидани дурустии натиҷаҳои таҳқиқот оварда шуда, муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшаванда баррасӣ гардидааст.

Боби аввал ба масъалаи **“Асосҳои назариявии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар муассисаҳои таълимии томактабӣ”** зарурияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ҳамчун яке аз воситаҳои арзишманди раванди кори таълиму тарбиявӣ бахшида шуда, пайдоиш ва рушди он бахшида шудааст.

Муҳаққиқ дар раванди таҳқиқотҳои худ ба чунин қоидаи тиллоии раванди таҳсилоти томактабӣ, ки мақсади он додани донишҳо, маълумоту тасаввуротҳои амиқ оид ба муҳити атроф, инкишоф додани имконияту қобилиятҳои ақлию зеҳнии кӯдакон ва бо таҳсилоти мактабӣ омода намудани онҳо мебошад, ба ҳисоб гирифта шудааст. Масъалаи тақсимоти давраҳои синнусолии инкишофи кӯдакон ҳамчун омили асосии рушди равонӣ ва ҷисмонии кӯдакон ба инобат гирифта шуда, амалияи истифодабарии воситаҳои техникаи компютерӣ барои кӯдакони синну соли то мактабӣ ба инобат гирифта шудааст ва истифода кардани технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ дар раванди машғулиятҳо ва кори таълиму тарбиявӣ ҳамчун воситаи таълимӣ ва омили ҳаракатдиҳандаи рушди дониш, маҳорат ва малакаҳои техникии кӯдакон таъсири мусбӣ арзёбӣ карда шудааст.

Бо мақсади омӯхтани таҷрибаи пешқадами кишварҳои рушднамудаи олам, Маркази ҷумҳуриявии технологияи иттилоотӣ-

иртиботии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кормандони муассисаҳои зерсохтори худ, ҳар сол курсҳои омӯзишии истифодабарии технологияи муосир, аз ҷумла кор бо тахтаҳои электронӣ, барномаҳои махсус ва замимавии корбарон, истифодаи почтаи электронӣ ва ғайраҳо баргузор менамояд.

Унвонҷӯ барои рушди касбияти омӯзгорону мураббиён ва волидон ба таҳия ва коркарди дастури таълимӣ пардохтааст, ки он бо номи "**Усулҳои истифодаи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ**" пеш гирифтааст, ки барои дастгирии мураббиён ва волидон воситаи хуби кӯмакрасон хоҳад буд.

Дар боби дуввум **"Амалияи тадбиқи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ"** вазъи истифодабарии технологияи муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст, ки дар асоси он роҳу усулҳои баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти кӯдакони 5-7 сола таъмин карда мешаванд, нишон дода шудааст. Самаранокии истифодабарии ТИИ дар раванди таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ ба донишҳои техникӣ, маҳорату малакаҳои мураббияҳо ва мавҷудияти заминаи моддӣ-техникии муассиса вобаста буда, заминаҳои моддӣ ва техникии ҳамаи муассисаҳои томактабӣ дар шаҳрҳо ва деҳот таҷлили назар ва дастгирию мадади масъулини соҳаро интизор аст, ки ин ба болоравии сатҳи донишҳои техникӣ ва маҳорату малакаҳои истифодабарии кормандон таъсир мерасонад.

Муҳаққиқ Ёров А.Б. мавзуи интихобнамудаашро хуб таҳлилу баррасӣ намуда, муҳиммӣ ва арзишмандии кори илмиро нишон додааст. Мавзуи истифодабарии технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ дар баландбардории сифати таҳсилоти кӯдакони синни калони томактабӣ бори аввал дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор гирифтааст, яъне масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ ва

иртиботиро дар фаъолияти таълиму тарбиявии кормандони соҳаи омӯзгории зинаи таҳсилоти томактабӣ дар педагогикаи тоҷик махсус мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта, муҳаққиқ саҳми технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботиро барои баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимии томактабӣ нишон додааст.

Муқарриз:

Номзади илмҳои педагогӣ,
сармутахассиси Маркази
таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои
дарсӣ, илмю методии Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобоева М.Р.

*Имзои М.Р. Бобоеваро тасдиқ менамоям.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси Вазорати
маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Х.